# ТАҚРИЗИ

**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз - узви вобастаи АМИТ доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мушовири илмӣ ба диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Вобаста ба таҳлилу таҳқиқи диссертатсияи Саидзода Д.А. бояд гуфт, ки масъалаи мазкур ба таҳқиқи яке аз проблемаҳои илмии доираи таҳқиқоти бунёдии илмҳои сиёсӣ бахшида шуда, дар системаи сиёсии муосири Тоҷикистон, амният ва таҳкими заминаҳои иттилоотӣ муҳиммияти худро дорад. Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ дар раванди ворид гардидан ба асри иттилоот аз як тараф динамикӣ ва мобилӣ будани муносибатҳои сиёсиро таъмин кунад, аз тарафи дигар барои давлатҳо масъулияти нави сиёсӣ-таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳимояву ихтиёрдорӣ кардани фазои иттилоотии миллиро барои онҳо муҳимтар мегардонад.

Афзоиши фаъолияти созмонҳои террористию экстремистӣ, густариши ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ, инчунин истифодаи васеъ ва ҳадафноки фазои рақамӣ барои паҳн намудани иттилооти ғаразнок ва сохтакорона ба яке аз мушкилоти ҷиддии баҳси таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди воситаҳои рақамӣ ва тавсеаи ҷиноятҳои рақамӣ табдил ёфтааст, ки набардҳои иттилоотиро афзун мегардонанд. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ қабул намудааст, ки онҳо ба танзими фаъолияти ниҳодҳои марбута ва ташкили муборизаи муназзам бо зуҳуроти номатлуби ҷомеа равона гардидаанд.

Дар баробари ин, роҳбарияти олии кишвар дар суханрониҳо ва паёмҳои худ пайваста масъалаи таҳдидҳои замони муосир, бахусус хатарҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба амнияти миллӣ, шуури ҷамъиятӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, мавриди таҳлил қарор дода, ба ниҳодҳои давлатӣ вазифаҳои мушаххас мегузорад. Дар чунин фазо мубориза барои таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, шаклдиҳии мавқеъҳои сиёсӣ ва идоракунии раванди иттилоотӣ аҳаммияти стратегӣ доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Д.А. масъалаи омӯзиши илмии набардҳои иттилоотӣ, механизмҳои ташаккул, усулҳои татбиқ ва паёмадҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ

дар бар мегирад. Набудани таҳқиқоти мукаммал дар ин самт метавонад боиси холӣ мондани тасавуротҳои илмӣ дар бораи набардҳои иттилоотӣ ва тавсеаи онҳо дар шароити рушди технологияи рақамӣ гардад.

Маҳз дар ҳамин замина, мавзӯи диссертатсионии Саидзода Д.А. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба таҳкими пояҳои амнияти миллӣ, рушди сиёсати иттилоотии давлат мусоидат менамояд.

Имрӯз, хусусияти бисёрсамта ва динамикии муҳити рақамӣ талаб менамояд, ки таҳлил дар асоси методологияҳои муосир ва махсуси илмӣ сурат гирад. Дар ин замина, дар диссертатсия принсипҳои системанокӣ, маҷмӯӣ, таҳлили таносубҳои сиёсиву иттилоотӣ, ҳамчунин усулҳои муосири омӯзиши муҳити рақамӣ истифода шудааст, ки ҳамчун пояҳои методологӣ пазируфта мешаванд.

Усули дигар таҳқиқи институтсионалӣ мебошад, ки муаллиф тавассути он нақши давлат, созмонҳои байналмилалӣ, ширкатҳои технологӣ, ВАО ва платформаҳои иҷтимоӣ дар ташаккул ва танзими муҳити иттилоотиро арзёбӣ намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф усулҳои мухталифи илмиеро истифода намудааст, ки дар таҳлили набардҳои иттилоотӣ хеле муфид арзёбӣ мегарданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодкардаи муаллиф хусусиятҳои назариявӣ ва методологии набардҳои иттилоотиро ҳамчун навъи муосири муборизаҳои сиёсӣ нишон медиҳад. Дар онҳо сохтор, механизм ва шаклҳои амалкунандаи набардҳои иттилоотӣ дар муҳити муосир, бо таваҷҷуҳ ба тағйирёбии геополитикӣ ва рушди босуръати инфрасохтори рақамӣ муайян карда шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмие, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф таҳия ва асоснок карда шудаанд, дар рушди назарияи муосири набардҳои иттилоотӣ, таҳлили низоми идоракунии захираҳои иттилоотӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва омӯзиши фазои маҷозӣ аҳаммияти муҳимми илмию назариявӣ доранд. Таснифот ва гурӯҳбандие, ки муаллиф дар асоси таҳлили таҳдидҳои замони муосир пешниҳод намудааст, метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳияи механизмҳои муқовимат ба хатарҳои иттилоотӣ истифода гардад.

Саидзода Д.А. зарурати ташаккули низоми самараноки мониторинг ва назорати муҳити иттилоотӣ, истифодаи мақсадноки технологияҳои рақамӣ ва такмили иқтидори институтсионалӣ дар соҳаи амнияти иттилоотиро асоснок намуда, изҳори андеша дорад, ки дар шароити густариши набардҳои иттилоотӣ чунин равиш имкон медиҳад, ки кишвар на танҳо аз таъсироти

манфии иттилоотӣ эмин нигоҳ дошта шавад, балки мавқеи худро дар фазои рақамии байналмилалӣ тақвият бахшида, имкониятҳои стратегии худро ба манфиати рушди устувори миллӣ ва таҳкими истиқлоли иттилоотӣ васеъ намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти Саидзода Д.А. бештар ба **набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ** бахшида шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки механизмҳои самараноки мониторинг, пешгирӣ ва безараргардонии набардҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотиро тарҳрезӣ намоянд. Ба андешаи мо Саидзода Д.А. дар кори илмии таҳқиқотиашон тавонистааст мазмуну моҳияти диссертатсияро илман асоснок намояд.

Боби якуми диссертатсия - «Ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ» ба баррасии ҳамаҷонибаи асосҳои назариявию методологии омӯзиши набардҳои иттилоотӣ бахшида шуда, дар он масъалаҳои калидии марбут ба моҳият, сохтор, шаклҳо ва хусусиятҳои ин зуҳуроти муосир дар шароити ташаккули ҷомеаи рақамӣ мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Дар доираи ин боб, пеш аз ҳама, равишҳои назариявӣ ва усулҳои методологие, ки барои омӯзиши равандҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, механизмҳои идоракунии фазои маҷозӣ ва технологияҳои муосири иртиботӣ истифода мегарданд, ба таври муфассал таҳқиқ мешаванд.

Дар ин замина, набардҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури муҳими рақобати сиёсӣ, василаи таъсири идеологӣ ва омили тағйирдиҳандаи тавозуни қудрат дар муҳити муосир арзёбӣ мегарданд.

Боби дуюм ба масъалаи «Рақамикунонӣ ҳамчун омили васеъшавии набардҳои иттилоотӣ ва таъсири он ба раванди сиёсии муосир» бахшида шудааст. Дар муҳтавои боб таъсири ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ ба низоми муносибатҳои сиёсӣ, механизмҳои идоракунии иттилоот ва шаклҳои нави рақобати сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Пеш аз ҳама, хусусиятҳои рушди босуръати инфрасохтори рақамӣ, густариши шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва таъсири онҳо ба тағйирёбии муҳити иҷтимоӣ ва сиёсӣ таҳлил карда мешаванд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ на танҳо воситаҳои муосири мубодилаи иттилоотро фароҳам меорад, балки заминаи ташаккули фазои нави муошарати сиёсӣ, афзоиши таъсиррасонии маҷозӣ ва густариши шаклҳои ғайрианъанавии муборизаи иттилоотиро низ муҳайё месозад.

Дар ин замина, набардҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури ҷудонопазири рақобати геополитикӣ ва омили таъсиргузор ба қабули қарорҳои сиёсӣ арзёбӣ мешаванд.

Боби сеюм - «Масъалаҳои рушди набардҳои иттилоотӣ дар шароити амалӣ гардидани технологияҳои рақамӣ» мебошад. Дар доираи ин боб, пеш аз ҳама, тамоюлҳои ташаккул ва густариши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, афзоиши шабакаҳои иттилоотӣ ва такмилёбии воситаҳои муосири иртиботӣ баррасӣ мешаванд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар фазои рақамӣ шаклҳои нави хатарҳо, аз ҷумла манипулятсияи иттилоотӣ, паҳнсозии маълумоти бардурӯғ, таъсири мақсаднок ба афкори ҷамъиятӣ ва истифодаи технологияҳои интеллектуалӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, тадриҷан хусусияти сиёсиро пайдо менамоянд. Муаллиф, хусусиятҳои иштироки шаҳрвандонро дар муҳокимаҳои сиёсӣ, шаклҳои изҳори мавқеъ, механизмҳои таъсирпазирӣ ва сатҳи огоҳии иттилоотии корбарон таҳлил намуда, нақши шабакаҳои иҷтимоиро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва паҳншавии идеяҳои сиёсӣ асоснок месозад.

Боби чорум ба таҳлили масъалаи «Назорати платформаҳои иттилоотӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ» бахшида шудааст. Дар ин боб, ҷанбаҳои муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии фаъолияти муҳити маҷозӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор мегиранд. Пеш аз ҳама, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун яке аз муҳитҳои асосии ташаккули баҳсҳои иҷтимоию сиёсӣ, мубодилаи афкор ва рақобати иттилоотӣ баррасӣ мешаванд. Муаллиф нишон медиҳад, ки платформаҳои рақамӣ на танҳо воситаи иртиботи оммавӣ, балки майдони фаъоли таъсиррасонии сиёсӣ, таблиғоти идеологӣ ва ташаккули дискурсҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи бархӯрди манфиатҳои гуногун дар платформаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, моҳият, хусусиятҳо ва омилҳои ташаккули чунин бархӯрдҳо таҳлил мегарданд. Муаллиф зарурати ташкили низоми самараноки сиёсати иттилоотӣ, такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотии ҷомеаро ҳамчун шартҳои асосии таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ асоснок менамояд.

Боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаҳои «Пешгирии хавфу хатари набардҳои иттилоотӣ дар раванди рақамикунонӣ» бахшида шуда, дар он роҳҳо ва механизмҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими устувории фазои рақамии кишвар мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор мегиранд. Дар доираи ин боб, пеш аз ҳама, аҳаммияти стратегии ташаккули сиёсати самараноки амниятӣ, таҳияи барномаҳо ва сенарияҳои ғолибият дар муқовимати иттилоотӣ, инчунин рушди иқтидори институтсионалӣ барои ҳифзи фазои миллии иттилоотӣ асоснок карда мешавад. Рушди шабакаҳои глобалӣ ва вобастагии афзоянда аз технологияҳои рақамӣ, ҳамзамон бо фароҳам овардани имкониятҳои нав, сатҳи осебпазириро низ

баланд мебардорад. Аз ин рӯ, ташаккули низоми устувори амнияти киберӣ, такмили заминаи хукукӣ, рушди инфрасохтори миллӣ ва баланд бардоштани сатхи фарҳанги иттилоотии аҳолӣ ҳамчун шартҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ арзёбӣ мегарданд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври мушаххас таҳия гардидаанд. Дар идомаи хулоса тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф нашр шудаанд. Вобаста ба мавзуи диссертатсия муаллиф 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

Инчунин, муаллиф натиҷаҳои асосии таҳкикоти худро дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ маърӯза намудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар хамаи марҳилаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намудааст. Интихоби мавзуъ, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, таҳияи максад ва вазифаҳои таҳқиқот, барои чоп омода намудани дастнависи мақолаҳои илмӣ, таҳияи рисола ва автореферат мустақилона аз ҷониби довталаб анҷом дода шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намудааст, таҳияи рисола ва автореферат мустақилона аз ҷониби довталаб анҷом дода шудаанд.

Саҳми муаллифи диссертатсия дар таҳқиқи мавзуи илмии интихобшуда ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни он хуб арзёбӣ мегардад, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамаҷониба пешниҳод гардидаанд.

Саидзода Д.А. дар диссертатсияи худ аҳаммияти сиёсию илмии мавзуъ, зарурати аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ асоснок намудани таҳқиқи онро нишон дода тавонистааст. Муаллиф теъдоди зиёди корҳои таҳқиқотии муаллифони кишварҳои гуногунро истифода намуда, масъалаи мақом ва ҷойгоҳи таъмини амнияти Тоҷикистонро ҳамчун низоми хоссаи рушди устувори давлатдорӣ ба доираи баҳси илмӣ ворид намудааст.

Кори диссертатсионии Саидзода Д.А. ба таври мантиқӣ таълиф гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосабардорӣ карда шудааст. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Саидзода Диловар Абдулаҳад, дар диссертатсия қобилияти баланди гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро нишон додааст. Кори диссертатсионии ӯ ба таври таҳқиқотию таснифотӣ иншо шуда, он дар асоси андешаҳои муаллиф, ҳолатҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ба таври зарурӣ таҳия гардидаанд.

Ҳамин тариқ, муаллифи диссертатсия Саидзода Д.А. дорои ҷаҳонбинии илмӣ буда аз ӯҳдаи ба таври мустақилона анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромадааст.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои муаллиф, ки ба масъалаи мустаҳкамии истиқлоли иттилоотӣ, ва таҳкими қобилияти назорати фазои иттилоотӣ бахшида шудааст, баҳри таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти хосса доранд. Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо 6 тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад. Он аз рӯи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқ аст. Адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, мазмуну мундариҷаи рисола, методҳои истифодашуда ба ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар пайвасти бевосита қарор доранд. Муаллифи диссертатсия Саидзода Диловар Абдулаҳад сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ мебошад.

Мушовири илмӣ:
Сарходими илмии шуъбаи масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ — Муҳаммад А.Н.

«_____» __________________ соли 2025

Суроғаи мушовири илмӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: 992 93 505 1558
E-mail: tifk@mail.ru

Имзои профессор А.Н. Муҳаммадро тасдиқ менамоям. Мудири шуъбаи кадрҳои ИФС АМИТ — Абдураҳмонзода Б.